ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидзода Рамазон Абдураҳим дар мавзуи «Маҳсулнокии навъҳои ояндадори лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш дар шароити ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Бо дарназардошти хосияти бузурги фоиданокии лӯбиё, барои парвариши намуна ва навъҳои он сол то сол таваҷҷуҳ зиёд мегардад. Дар баробари ин, ба он намудҳо ва навъҳое диққати асосӣ дода мешавад, ки дар шароити мушаххаси додашуда қобилияти таҳаммулпазирӣ ба омилҳои биотикӣ ва абиотикӣ зоҳир намуда, мутобиқшавӣ ба шароити номусоиди муҳити зист доштаро кишт менамояд. Ҳамчунин, пешпазак мебошанд, ҳосили баланди устуворро бо сифати беҳтарини дон ташаккул медиҳанд ва шакли қомати ростро соҳиб буда, нисбат ба ҳар гуна зараррасонҳо, касалиҳои гуногун ва ғайраҳо муқовимат мекунанд.

Лӯбиё қиматтарин зироат дар байни лӯбиёгиҳо ба ҳисоб рафта, асосан донашро бо мақсади истифода дар ғизои аҳолӣ, пахолашро ҳамчун хӯроки консентратӣ барои чорво истифода мебаранд. Лӯбиё асосан 200 намудро муттаҳид мекунад ва аз шумори онҳо тақрибан 20 намуди онҳо барои кишт ворид карда шудаанд. Хокро бо нитрогени биологӣ ғанӣ гардонида, пешинакишти хуб барои дигар зироатҳо, хусусан, пахта ва ғаллагиҳо мебошад.

Лӯбиё аз ҷиҳати фоиданокӣ ба шумори яке аз 10 маҳсулоти муфид барои саломатии инсон дохил мешавад, аз ин рӯ, ҷуғрофияи паҳншавии ин зироат пайваста васеъ мегардад. Имрӯз, дар рушди соҳаи кишоварзии ҷаҳонӣ дар байни зироатҳои лӯбиёгӣ лӯбиё пас аз нахӯд дар ҷойи дуюм қарор дорад. Дар ҳоли ҳозир, зироати лӯбиё дар соҳаи кишоварзии ҷаҳонӣ ба таври васеъ паҳн шудааст ва он дар зиёда аз 70 мамлакати ҷаҳон дар минтақаҳои гуногуни экологӣ ва хокӣ-иқлимӣ парвариш карда мешаванд.

Аҳамияти тадқиқ аз он иборат мебошад, ки дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда ба истеҳсолот тавсияномаҳо оид ба усулҳои беҳтарини кишт ва додани меъёри оптималии нуриҳои маъданӣ дар шароити заминҳои обии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб гирифтани ҳосили 3,37 т/га аз як гектар таъмин мекунанд.

Навгонии илмии таҳқиқ. Дар шароити заминҳои обии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии минтақаи Кӯлоб дар асоси тадқиқоти дар тӯли солҳои 2017-2023 гузаронида шуда, бори аввал баҳои қиёсии маҳсулнокии лӯбиё вобаста ба навъҳо, муҳлати кишт, зичии ниҳолҳо ва

меъёри истифодаи нуриҳои маъданӣ омӯхта ва илман асоснок карда шудаанд. Самаранокии иқтисодии парвариши лӯбиё вобаста аз усулҳои парвариш муайян карда шудааст.

Дар автореферати диссертатсия новобаста аз натиҷаҳои хуби ба даст овардаи илмӣ, норасогиҳо дида мешаванд.

1. Дар автореферати диссертатсия масъалаи истифодаи нуриҳои маъданӣ метавонист бештар инъикос гардад;

2. Баъзе нишондиҳандаҳои таҷрибавӣ дар шакли расм ё диаграмма пешниҳод карда мешуданд, фаҳмиши натиҷаҳоро осонтар менамуд.

Бояд қайд намуд, ки эроди зикр шуда, моҳияти илмӣ-амалӣ доштаи диссертатсияро кам намекунад ва натиҷаҳои ба даст овардашуда мубрам мебошанд.

Хулоса, аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ Саидзода Рамазон Абдураҳим тадқиқоти муҳимми илмӣ анҷом додашуда, натиҷаҳои ба даст овардашуда ба истеҳсолоти кишоварзӣ тавсия гардидааст. Диссертатсия пурра ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
Муаллими калони кафедраи
биология ва методикаи таълими они
факултети химия ва биологияи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
н.и.б. (03.02.01 – Ботаника) Ҳисайнов Далер Эмомович

E-mail: daler.Khisynov.89@bk.ru
Тел: +992902088844

Имзои Д.Э.Ҳисайновро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ Давлатзода М.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Тел: (+9923322) 2-35-09, факс: (+9923322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj

07.09.2026